*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 103 (4686) | ҶУМЪА, 18 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВМКБ

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**Шонздаҳуми августи соли 2023 дар рӯзи дуюми сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маркази ноҳияи Ванҷ ташриф оварданд.**

Дар ноҳияи Ванҷ нахуст, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои навбунёди хуштарҳу замонавии Кӯдакистони рақами 1-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои муосири муассисаи томактабӣ аз 3 ошёна иборат буда, барои 200 кӯдак пешбинӣ гардида, дар он кӯдакон дар 8 гурӯҳ ба таълим фаро гирифта мешаванд.

Кӯдакистон дорои синфхонаҳои барҳаво барои машғулият, ҳуҷраҳои хобу истироҳати кӯдакон, нуқтаи дастшӯӣ, толори мусиқӣ, ошхона, ҳуҷраҳои корӣ барои маъмурият ва кормандон, нуқтаи тиббӣ, анбор барои нигоҳдории маҳсулоти хӯрокворӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Дар кӯдакистон 38 мутахассиси маҳаллӣ бо ҷойи кории доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд. Ҷараёни таълим дар боғчаи кӯдакона бо забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, синфхонаҳои машғулият бо тамоми аёнияти таълимӣ ва дигар воситаҳои фароғатӣ барои тарбиятгирандагон таъмин мебошад.

Дар он ҷо ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки оянда омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ низ дар кӯдакистон ба роҳ монда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар кӯдакистон бо дӯстрӯякон суҳбати самимӣ ороста, ба онҳо туҳфаҳои хотирмон тақдим намуданд.

Иншооти мазкур бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сифати баланд бунёд гардидааст.

Бинои муосири хуштарҳу навбунёд дар ноҳияи Ванҷ дар партави сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масоҳати умумии 1772 метри мураббаъ қомат афрохта, он бо системаи алоҳидаи гармидиҳӣ таъмин мебошад.

Кӯдакистони нав дар ноҳияи Ванҷ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, иқдоми муҳим ва зарурӣ дар татбиқ гардидани «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ба ҳисоб меравад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сифати корҳои анҷомёфта дар бинои кӯдакистон баҳои баланд дода, масъулонро вазифадор намуданд, ки бо истифода аз шароити фароҳамовардашуда барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ садоқатмандона кору фаъолият намоянд.

Кӯдакистони рақами 1 дар ноҳияи Ванҷ дуюмин муассисаи томактабӣ буда, ба истифода супоридани он барои фарогирии бештари насли наврас ба таълиму тарбияи томактабӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар идомаи боздид аз кӯдакистони нав дар ҳамон ҷо ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои навбунёди Маркази хизматрасонӣ муаррифӣ гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки бунёди иншооти мазкур моҳи майи соли 2019 бо ҷалби сохтмончиёни маҳаллӣ оғоз гардида, он дар масоҳати умумии 1500 метри мураббаъ сохта шудааст.

Иншооти хизматрасонии муосир дар маркази ноҳияи Ванҷ аз ду ошёна иборат буда, дорои меҳмонхона бо 9 ҳуҷра ва 18 ҷойи хоб, ҳаммом, сартарошхона ва кошонаи ҳусн мебошад.

Фармоишгари иншооти муосири хизматрасонӣ дар ноҳияи Ванҷ Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба маблағи 6 миллиону 800 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи замон ба анҷом расидааст.

Баъди мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани маркази хизматрасонии муосир дар ноҳияи Ванҷ 15 ҷойи кории нав таъсис дода шуда, мутахассисон ва сокинон ба кори доимӣ ва маоши хуб дар иншооти мазкур таъмин гардиданд.

**16 - уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бинои Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасонро ифтитоҳ карданд.**



Бинои марказ дар доираи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуда, он аз 2 ошёна иборат буда, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоию иқтисодӣ аз ҷониби Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон дар масоҳати 816 метри мураббаъ сохта шудааст.

Корҳои сохтмониро кормандону мутахассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Истиқлол» дар муҳлати муайянгардида ва бо сифати баланд анҷом додаанд.

Дар маркази номбурда 7 нафар омӯзгори соҳибтаҷриба ва кордон ба кор ҷалб гардида, бо маоши хуб таъмин шудаанд, ки дар амалисозии барномаҳои нави таълимӣ саҳми босазо мегузоранд.

Марказ дорои шароити муосир буда, барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани 144 хонанда пешбинӣ гардида, дар он 4 маҳфил амал мекунад, ки аз 16 гурӯҳи таълимӣ иборат мебошад.

Мувофиқи лоиҳа, дар бинои Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасон 8 синфхонаи таълимӣ ва ҳуҷраҳои корӣ ташкил гардида, кӯдакону наврасон ба маҳфилҳои гуногун ҷалб мегарданд.

Бинои марказ аз маҷлисгоҳ, китобхона, синфхонаи лингафонӣ, синфхонаи компютерӣ, рассомӣ, дӯзандагӣ, пухтупаз ва меҳнат иборат буда, раванди таълим дар маркази навбунёд бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда мешаванд.

Дар китобхонаи марказ 500 номгӯйи китоби гуногуни бадеию таълимӣ мавҷуд аст.

Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасони ноҳия бо системаи гармидиҳӣ, камераҳои назоратӣ ва дигар техникаи муосири маишӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Мавриди зикр аст, ки бунёди Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасон дар ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аҳамияти хоса дошта, барои таҳким бахшидани қобилият ва инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакону наврасон заминаи мусоид мегузорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасон масъулонро барои ҳар чӣ бештар ба омӯзиши касбу ҳунар ҷалб намудани кӯдакону наврасон, ташкили маҳфилҳо, дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия кардани насли наврас ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ҳидоят намуданд.

**16 – уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бинои Шуъбаи маорифи ноҳияро мавриди истифода қарор доданд.**

Он сеошёна буда, бо мақсади таҷлили сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати мамлакат бунёд гардид.

Корҳои сохтмонӣ соли 2020 оғоз гардида, бино дар муҳлати муайянгардида бо тарҳи муосир ва унсурҳои миллии шаҳрсозӣ сохта шудааст. Дар рафти корҳои сохтмонӣ 50 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои нави Шуъбаи маорифи ноҳияи Ванҷ 12 ҳуҷраи корӣ дошта, барои 40 нафар корманди соҳа пешбинӣ гардидааст. Ҳуҷраҳои корӣ дар ошёнаҳои якум ва дуюми бино ҷойгир буда, бо мизу курсӣ ва компютер пурра таъмин гардидааст.

Маҷлисгоҳ дар ошёнаи сеюми бино сохта шуда, 90 ҷойи нишаст дорад. Толор бо лавозимоти зарурӣ, аз ҷумла курсиҳои нав, муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Минбаъд имкон аст, ки ҷамъомаду мулоқот ва дигар чорабиниҳои маърифатию фарҳангӣ дар он ҷо гузаронида шавад.

Ҳамчунин дар бино меҳмонхонаи хурд таъсис дода шудааст, ки аз 3 ҳуҷра иборат буда, бо рахти хоб низ таъминанд.

Масоҳати умумии иншооти номбурда беш аз 800 метри мураббаъро ташкил дода, он бо системаи гармидиҳӣ таъмин аст. Гармии ҳуҷраҳои кории иншоот дар фасли зимистон тавассути он таъмин карда мешавад.

Атрофи бинои Шуъбаи маорифи ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чароғон ва сабзу хуррам гардонида шудааст ва он ба симои маркази ноҳия зебоии хос зам кардааст.

Бо бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои Шуъбаи маорифи ноҳияи Ванҷ барои кормандони соҳа шароити арзандаи корӣ фароҳам оварда шуд. Акнун кормандони ин ниҳод имкон доранд, ки фаъолиятро беҳтар ба роҳ монда, барои рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсил ва таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳми муносиб гузоранд.

Фармоишгари бино Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо» мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ дар иншооти нав ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ба кормандони соҳаи маориф барои дар оянда баланд бардоштани сифати таҳсил, истифодаи васеи технологияи информатсионӣ, ҷалби хонандагон ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**16-уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ дар ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз намоиши дастовардҳои кишоварзони ноҳия дидан карда, бо деҳқонону кишоварзон суҳбати самимӣ анҷом доданд.**

Дар намоиши маҳсулоти кишоварзӣ мева, хушкмева, сабзавот, ғалладонагиҳо, асал ва номгӯи дигари дастранҷи деҳқонони ноҳия ба намоиш гузошта шуд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки феълан дар ноҳия 14 ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият доранд, ки дар он 120 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ бо 3217 саҳмдор дар 1458 гектар замини обӣ кишти маҳсулоти гуногуни кишоварзиро ба роҳ мондаанд. Дар маҷмӯъ заминҳои корами ноҳияи Ванҷ бештар аз 2 ҳазору 600 гектарро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, бештар аз 1000 гектари онро боғу себзор дар бар мегирад.

Кишти такрорӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мешавад, имсол дар 60 гектар гузаронида шуд.

Бо мақсади рушди соҳаи боғпарварӣ соли ҷорӣ дар ноҳияи Ванҷ дар масоҳати 5 гектар боғи нав бунёд гардида, дар масоҳати 10 гектар боғҳои куҳна бо шинонидани дарахтони мевадиҳанда барқарор карда шуд.

Кишоварзони ноҳия бо заҳмати худ ва истифодаи самараноки заминҳои кишт дар фаровонии таъмини бозорҳои ноҳияи Ванҷ ва ноҳияҳои гирду атроф саҳми назаррас доранд.

Ноҳияи Ванҷ барои парваришу истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ иқлими мусоид дошта, дар даврони соҳибистиқлолӣ марҳила ба марҳила масоҳати заминҳои кишт зиёд карда шудаанд.

Дар ин давра бо таваҷҷуҳу дастгириҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи кишоварзӣ кишти навъҳои нави гуногуни меваю сабзавот ва зироати донагӣ ба роҳ монда шудааст, ки ҳамасола аз он хоҷагидорону кишоварзони ноҳияи Ванҷ ҳосили фаровон ба даст меоранд. Кишоварзони ноҳия дар заминаи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат боғҳои меваҳои содиротиро афзун намуда, аз ин ҳисоб ҳосили фаровон ба даст меоранд.

Тибқи маълумоти оморӣ, 85-90 дарсади аҳолии ноҳия ба кишоварзию чорводорӣ ва боғдорию растанипарварӣ машғул буда, даромади онҳо аслан аз ҳамин ҳисоб сарчашма мегирад.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**

# ТАНҲО БО ВАҲДАТУ ҲАМБАСТАГӢ ВА ЗАҲМАТИ СОЗАНДАЮ СОДИҚОНА БА РӮЗҲОИ АЗ ИН ҲАМ НЕК МЕРАСЕМ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони ноҳияи Ванҷ**

**ноҳияи Ванҷ, 16 - уми августи соли 2023**

**Ҳамватанони азиз!**

Имрӯзҳо мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони заҳматдӯсти ноҳияи Ванҷ, дар давраи омодагӣ ба таҷлили ҷашни бузургу муқаддаси миллӣ – 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ қарор доранд.

Бо истифода аз фурсат мардуми шарафманди ноҳия ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори ин ҷашни таърихиву тақдирсози халқи тоҷик самимона табрик мегӯям.

Чун анъана мо дар ҷараёни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар иншооти навбунёди таъиноти иҷтимоию иқтисодиро мавриди истифода қарор медиҳем, ки онҳо, бешубҳа, шароити зиндагии мардумро беҳтар ва симои шаҳру деҳоти кишвари азизамонро боз ҳам зеботар мегардонанд.

Имрӯз низ мо дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Ванҷ бинои маъмурии шуъбаи маориф, боғчаи бачагона ва маркази эҷодии кӯдакону наврасонро ифтитоҳ намудем, ки идомаи корҳои ободонию бунёдкорӣ ба истиқболи Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, ба ҳамаи сокинони бонангу номуси ноҳияи Ванҷ, соҳибкорон ва шахсони саховатпеша, ки барои ободии диёри худ ва беҳтар гардонидани шароити зиндагии ҳамдиёронашон саҳми арзанда гузошта истодаанд, арзи сипос менамоям.

Бояд гуфт, ки дар ноҳия барои истиқболи арзандаи Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёд ва таъмиру таҷдиди 117 иншоот ба маблағи 191 миллион сомонӣ пешбинӣ гардида, аз ин ҳисоб то имрӯз 41 иншоот ба истифода супорида шудааст.

Ҳадафи мо аз иқдомоти созандагӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ба ифтихори 30-солагӣ ва 35-солагии истиқлолияти давлатӣ ҳалли мушкилоту масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи бунёди муассисаҳои таълимию тиббӣ, иншооти варзиш барои ҷавонон, инфрасохтори сайёҳию хизматрасонӣ, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, бунёду таҷдиди роҳу пулҳо ва ба ҳамин васила ободу зебо гардонидани ҳамаи гӯшаю канори кишвари азизамон мебошад. Бинобар ин зарур аст, ки ин раванд, илова ба корҳои ободонии то имрӯз суратгирифта, густариш бахшида шавад, то ин ки мушкилоти мардуми ноҳия то дурдасттарин деҳоти он ҳар чӣ бештар ҳаллу фасл гардад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар 32 соли истиқлолияти давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои таъмин намудани рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ванҷ 477 миллион сомонӣ равона гардидааст.

Танҳо дар шаш моҳи аввали соли 2023 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети ноҳия 13,5 миллион сомонӣ ҳамчун мусоидати молиявӣ равона карда шудааст. Инчунин, дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар ноҳия татбиқи 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 30 миллион сомонӣ ба анҷом расида, ҳоло корҳо дар доираи 6 лоиҳаи дигари сармоягузории давлатӣ ба маблағи зиёда аз 500 миллион сомонӣ бомаром идома доранд.

Лоиҳаҳои мазкур, пеш аз ҳама, ба сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, мустаҳкам намудани инфрасохтор барои таъмин намудани устуворӣ бар зидди офатҳои табиӣ, таъминоти барқ дар деҳот ва таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингард равона шудаанд. Ҳамзамон бо ин, барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ «Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳия барои солҳои 2021 – 2025» амалӣ шуда истодааст.

Барнома 116 лоиҳаро ба маблағи умумии 174 миллион сомонӣ дар бар мегирад, ки дар доираи он то имрӯз ҳамагӣ 26 лоиҳа дар ҳаҷми 98 миллион сомонӣ татбиқ гардидааст. Яъне, гарчанде нисфи муҳлати иҷрои барнома гузаштааст, вале он аз рӯи шумораи лоиҳаҳо ҳамагӣ 23 фоиз ва аз рӯи маблағи пешбинишуда 56 фоиз иҷро гардидааст, ки андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд, зеро то муҳлати анҷом ёфтани барнома дуюним сол боқӣ мондааст.

Бинобар ин, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ вазифадор карда мешавад, ки ҳамкориро бо вазорату идораҳо, шарикони рушд, соҳибкорону сармоягузорон, аҳолӣ ва дигар ҷонибҳои дахлдор густариш дода, барои дурусту мақсаднок аз худ намудани маблағҳои ҷудогардида ва таъмин намудани иҷрои барномаю лоиҳаҳои амалкунанда тадбирҳои иловагӣ андешанд. Ҳамзамон бо ин, роҳбарияти ноҳия бояд якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати ҷалби маблағҳо барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ чораҷӯӣ намоянд.

Борҳо таъкид кардаам, ки рӯйдодҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла низоъҳои минтақавӣ, таҳримҳои иқтисодию тиҷоратӣ, канда шудани занҷираи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, болоравии нархи маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, махсусан нархи маҳсулоти ниёзи аввал, ба вазъи иқтисодию иҷтимоии давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, бетаъсир нест. Ҳоло вақти он расидааст, ки мо беш аз ҳар вақти дигар ба имкониятҳои дохилии худ такя карда, тамоми иқтидорҳои мавҷударо барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ сафарбар созем.

Ноҳияи Ванҷ дар қаламрави вилоят дорои имкониятҳои нисбатан хуби кишоварзӣ буда, маҳсулоти дар ин ноҳия истеҳсолшавандаи соҳа дар дигар минтақаҳои кишвар ва берун аз он харидорони зиёд дорад.

Меваҳои ноҳия, бахусус себу зардолу ва туту чормағз, бисёр хушсифату болаззат ва аз лиҳози экологӣ тозаю содиротӣ мебошанд, вале аз сабаби мавҷуд набудани шароити нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, яъне сардхонаю марказҳои фурӯши яклухт ва корхонаҳои бандубаст, кишоварзон даромади нисбатан паст ба даст меоваранд. Аз ин рӯ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ, вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ бо мақсади ташкил намудани маркази замонавии нигоҳдорию бандубаст ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ чораҳои амалӣ андешанд. Ҳарчанд ки дар барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия чунин лоиҳа ба нақша гирифта шудааст, вале барои амалисозии он то ҳанӯз иқдоме сурат нагирифтааст.

Таъкид менамоям, ки ноҳияи Ванҷ барои рушди боғпарварӣ, картошкапарварӣ, чорводорӣ ва занбӯриасалпарварӣ имконияти бисёр мусоид дорад. Бо дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат ва дар натиҷаи заҳмати пурмаҳсули кишоварзон дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳаи кишоварзии ноҳия сол ба сол рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти он аз 17 миллион сомонии соли 2000-ум ба 194 миллион сомонӣ дар соли 2022 расонида шудааст, ки 11 баробар зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ин давра аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагиҳо 5,4 баробар, картошка 7, сабзавот 13 баробар, мева 34, гӯшт 4 ва тухм 28 баробар зиёд гардидааст. Дар шаш моҳи аввали соли 2023 истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия ба 28 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВМКБ

(Идома аз саҳ. 1)

Зимни суҳбати самимӣ кишоварзон ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирӣ ва таваҷҷуҳи доимиашон миннатдорӣ намуда, иброз доштанд, ки дар оянда низ барои рушди соҳаи кишоварзӣ, фаъолиятро аз рӯи таҷрибаи андӯхтаашон боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ хоҳанд монд.

Хоҷагидорони ноҳияи Ванҷ ҷавобан ба дастгириҳои пайвастаи Сарвари давлат уҳдадор шудаанд, то бо заҳмати аҳлона дар заминҳои дар ихтиёрдоштаашон бо гирифтани ҳосили фаровон дар татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми худро гузошта бошанд.

Фаровонии маҳсулот дар намоишгоҳи мазкур далели возеҳи он аст, ки сокинони шарафманди ноҳияи Ванҷи ВМКБ Ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дастовардҳои сазовору арзанда дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт сазовор истиқбол мегиранд.



**16 – уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Ванҷ бо роҳбарону фаъолони ноҳия мулоқоти самимӣ доир карданд.**



Баъди суханронии Сарвари давлат як гурӯҳ сокинони ноҳияи Ванҷ, кормандони касбу кори гуногун, аз ҷумла хонандаи синфи 11-и Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 Умар Орзуев ва директори Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия Заррина Музаффарова бо шукргузорӣ аз сулҳу суботи бебозгашт ва талошҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини зиндагии шоистаи мардуми кишвар баромад карданд.

**16-уми августи соли ҷорӣ дар идомаи сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ошноӣ бо вазъи зиндагии мардум, ҷараёни иҷрои барномаҳои давлатӣ, корҳои ободонию созандагӣ, ифтитоҳи як қатор иншооти нав ва суҳбату мулоқот бо сокинон ба ноҳияи Роштқалъа ташриф оварданд.**

Дар ноҳияи Роштқалъа нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зеристгоҳи барқии Неругоҳи барқи обии «Себзор»-ро мавриди истифода қарор доданд.

Корҳои сохтмонӣ дар зеристгоҳи барқии НБО «Себзор» аз тарафи пудратчии лоиҳа - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мадад» моҳи феврали соли 2022 оғоз гардида, то имрӯз корҳо пурра ба анҷом расонида шудааст.

Таҷҳизот пурра насб гардида, баъд аз озмоиш зеристгоҳ аз тарафи фармоишгар қабул карда шуд.

Шиддати зеристгоҳи барқии Неругоҳи барқи обии «Себзор» 110 киловолт буда, дар он 4 трансформатор, аз ҷумла 2 трансформатори асосӣ бо тавонoии 15 мегаволтампер, 1 трансформатори 35/10 киловолтаи тавоноиаш 2,5 мегаволтампер, 1 трансформатори сарфиёти худии 35/04 киловолтаи тавоноиаш 160 киловолтампер насб гардидааст. Масоҳати умумии зеристгоҳ 3 ҳазору 696 метри мураббаъ буда, он тавассути 3 хатти интиқоли барқ ба шабакаҳои умумӣ пайваст гардидааст.

Фармоишгари иншоот Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Помир Энерҷӣ» мебошад. Лоиҳа аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Энергосетпроект» пешниҳод гардида, бо маблағгузории шарикони рушд сохта шуд.

Зеристгоҳҳои нав имкон медиҳанд, ки талафоти неруи барқ дар вақти сарбории шабакаҳои барқӣ ба миқдори 2,5 МВт барқарор гардида, интиқоли боэътимоди неруи барқ ба минтақаҳои дорои талаботи афзоянда дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъмин карда шавад.

Дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври маҷозӣ хатҳои интиқоли барқи 110-киловолтаи «Себзор-Хоруғ», «Ванҷ-Рӯшон» ва неругоҳи офтобиро дар ноҳияи Мурғоб мавриди истифода қарор доданд. Хатҳои интиқоли барқи 110-киловолтаи «Себзор-Хоруғ» 18 километр дарозӣ дошта, он зеристгоҳҳои 110-киловолтаи «Себзор»-и ноҳияи Роштқалъа ва «Хоруғ»-и шаҳри Хоруғро бо ҳам мепайвандад. Корҳои сохтмонӣ дар ин хатҳои интиқоли барқӣ аз моҳи феврал то моҳи сентябри соли 2022 ҷараён дошт. Бунёди хатҳои интиқолиро, ки аз 72 сутунпоя иборат мебошад, ширкати сохтмонии «Саҷар» анҷом додааст.

Дарозии хатҳои интиқоли барқи 110-киловолтаи «Ванҷ-Рӯшон» бошад, ба 57,3 километр баробар мебошад ва зеристгоҳи 110-киловолтаи «Даштак»-и Ванҷро бо зеристгоҳи 110-киловолтаи «Вознавд»-и Рӯшон пайваст мекунад.

Сохтмони ин хатҳои интиқолӣ аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Марбут» ва Ҷамъяити дорои масъулияти маҳдуди «Бадахшон ТАДЕС» ба анҷом расонида шудааст. Хатҳои интиқоли барқи 110-киловолтаи «Ванҷ-Рӯшон» тавассути 250 сутунпоя мегузарад.

Ҳамчунин дар ҳамон ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври маҷозӣ бо фаъолият ва иқтидори истеҳсолии неругоҳи офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб шинос шуданд.

Неругоҳи офтобӣ бо тавонoии 600 киловат ва системаи захираи энергия дар батареяҳо 1200 киловат/соат бунёд ёфта, масоҳаташ ба 12 ҳазор метри мураббаъ баробар мебошад. Дар он 1060 батареяи офтобӣ насб гардидааст. Бояд гуфт, ки энергияи офтобӣ ҳамчун манбаи барқароршаванда истифода шуда, аз лиҳози экологӣ тоза аст ва дар марҳилаи фаъоли истифода партовҳои зараровар ба вуҷуд намеорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз татбиқи лоиҳаҳо оид ба бунёди зеристгоҳҳои барқӣ дар минтақаҳои кӯҳистони мамлакат изҳори қаноатмандӣ намуда, зикр доштанд, ки дастрасӣ ба энергия, хусусан барои минтақаҳои кӯҳистон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор, нақши калидӣ дорад.

**16-уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Роштқалъа аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Себзор» боздид намуданд.**

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки баъд аз анҷоми корҳои сохтмонӣ ва насби таҷҳизоти электронӣ дар бунёди зеристгоҳи 110-киловолтаи Неругоҳи барқи обии «Себзор», бо ҷалби мутахассисони ширкатҳои ватанӣ - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мадад» ва ҶДММ «Тоҷикгидроэлектромонтаж» маҷрои дарёи Шоҳдараи ноҳияи Роштқалъа дигар карда шуда, об аз тариқи канали муваққатии обгузар сар дода шуд.

Баъди дигар кардани маҷрои дарё корҳои сохтмонӣ дар сарбанди асосии неругоҳ оғоз ёфт. Сарбанди асосии неругоҳ бо дарозии 60 метр ва баландии 8 метр сохта шуда, ғунҷоиши оби он 5 миллион метри мукаабро ташкил хоҳад дод. Масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла семент ва арматура, аз шаҳри Душанбе дастрас мегардад.

Коргарони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тоҷикгидроэлектромонтаж» барои фаъолияти муназзам дар ин ҷо коргоҳи истеҳсоли бетон ташкил кардаанд. Дар маҳали сохтмон бунёди коргоҳи истеҳсоли қуму шағал дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Мутобиқи иттилои мутахассисон, бунёди неругоҳ дар ин мавзеъ беасос нест, зеро суръати ҳаракати об дар ин ҷо нисбатан тез буда, он дар фасли зимистон ях намебандад ва барои ба ҳаракат даровардани агрегатҳо хеле мувофиқ аст.

Татбиқи лоиҳаи бунёди неругоҳ моҳи декабри соли 2020 оғоз гардида, он аз се агрегат иборат мебошад. Неругоҳи барқи обии «Себзор» бо иқтидори 11 мВт бунёд мегардад ва дар маҷмӯъ, дар давраи сохтмони ин иншоот то 300 нафар бо кор таъмин хоҳанд шуд.

НБО «Себзор» дар доираи дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути ҳамкории Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳукумати Олмон ва ҶСК «Помир Энерҷӣ» бо мақсади татбиқи ҳадафи чоруми стратегии мамлакат - саноатикунонии босуръати кишвар бунёд мегардад.



Сохтмони неругоҳ ба рушди минбаъдаи саноат, аз ҷумла бунёди корхонаҳои саноатӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, заминаи воқеӣ фароҳам меорад.

Дар доираи лоиҳаи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» дар дарёи Шоҳдара 17 хоҷагии шахсӣ ба ҷойҳои дигар интиқол дода шуда, пурра бо манзили зист таъмин гардида, бунёди бинои маъмурӣ барои сохтмончиён ва роҳҳои муваққатӣ дар назди иншоот бо ҷалби зиёда аз 60 бинокори маҳаллӣ сурат гирифт.

Дар баробари ин, барои тезонидани корҳо оид ба сохтмони пул аз болои дарёи Шоҳдара, ки барои сохтмони НБО «Себзор» хеле муҳим мебошад, барои бунёди бинои муосири мактаби маҳаллӣ низ барои 400 хонанда тадбирҳо андешида мешаванд. Дар баробари бунёди неругоҳ дар он ҷо аз ҳисоби маблағҳои лоиҳа 4 километр роҳ асфалтпӯш гардида, пули мошингузари деҳаи Даштак низ навсозӣ мешавад.

Баъд аз шиносоӣ бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Себзор» Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кори сохтмончиён баҳои баланд дода, масъулинро барои анҷоми корҳои сохтмонӣ мутобиқ ба меъёрҳои муосир ва дар муҳлати муайяншуда вазифадор намуданд.

Неругоҳи барқи обии «Себзор» ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат - расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ ва таъмини аҳолӣ бо неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза сохта шуда, он дар рушди иқтисоди миллӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

**16-уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Наҷини ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон хонаҳои навбунёдро, ки барои аҳолии аз офати табиӣ зарардида бунёд гардидаанд, ба истифода доданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон калиди хонаҳои нави истиқоматиро ба соҳибонашон супорида, аз шароити маишии ҳуҷраҳо дидан намуданд.

Манзилҳои нави истиқоматӣ бо санъати баланди меъморӣ бунёд гардида, бо истифода аз масолеҳи сохтмонӣ дохили онҳо оро ёфтааст. Тамоми шароити зарурӣ барои зисту зиндагонӣ дар манзилҳои нави истиқоматӣ фароҳам оварда шудааст. Оилаҳое, ки дар ин рӯз сохтмони хонаҳои истиқоматиашон анҷом ёфтааст, бо тамоми ҷиҳози рӯзгор, аз қабили яхдон, телевизор, мизу курсӣ, қолин, таъмин гардиданд.

Дар мавзеи нав барои бунёди хонаҳои истиқоматии сокинони аз офати табиӣ зарардида беш аз 1 гектар замин ҷудо шуда, барои 10 оила хонаи истиқоматӣ, бо дарназардошти тамоми шароит, бунёд ёфтааст.

Корҳои сохтмонӣ бо дастгирӣ ва таҳти таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардида, дар муҳлати як моҳ пурра бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонида шуд.

Тибқи иттилоъ ба ҳар як оила барои бунёди манзилҳои нави истиқоматӣ 6 садяк замин ҷудо шуда, бунёди дигар инфрасохтори зарурӣ барои зисту зиндагонӣ муҳайё мебошад.

Хати алоҳидаи барқ, оби нӯшокӣ, сохтмону мумфаршкунии роҳҳои нақлиётию пиёдагард аз ҷумлаи дигар корҳое ба шумор мераванд, ки дар фурсати кӯтоҳ ба анҷом расидааст.

Сарвари давлат зимни боздид ва суҳбатҳои самимӣ бо соҳибони манзилҳои нав иброз доштанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам сохтани шароити мусоиди зиндагонӣ, пурра барқарор намудани хисороти расонидашуда ва бунёди хонаҳои замонавӣ бо тамоми ҷиҳози рӯзгор ҳамеша тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

Сокинон дар навбати худ ба Пешвои миллат барои расонидани кумакҳои саривақтӣ, фароҳам сохтани шароити мусоид дар шаҳраки муваққатии истиқоматӣ, таъмин намудан бо маҳсулоти хӯроквори ва ҷиҳози зарурӣ изҳори миннатдорӣ намуда, иброз доштанд, ки аз рӯзҳои аввали сар задани офати табиӣ онҳо хуб эҳсос намуданд, ки танҳо нестанд.

Мавриди зикр аст, ки шурӯъ аз 27-уми июни соли равон ба муддати чанд рӯз пайи ҳам фаромадани сел дар деҳаи Меденведи деҳоти «Барвоз»-и ноҳияи Роштқалъа маҷрои дарёи Шоҳдара банд гардида, 15 хонаи истиқоматӣ пурра ва қисман хароб гардида, муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва боғоту заминҳои кишоварзӣ зери об монданд.

Хушбахтона, бо амалӣ намудани тадбирҳои саривақтии наҷотдиҳӣ дар ин офат ягон талафоти ҷонӣ ба қайд гирифта нашуд. Хисороти молие, ки дар ин ҳодиса ба аҳолӣ расидааст, бо дастури бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон комилан барқарор карда шуд.

Кумаки саривақтии роҳбарияти Ҳукумати мамлакат ба он боис гардид, ки сохтмони манзилҳои истиқоматӣ сари вақт оғоз гардида, бо сифати баланд ва аз рӯи стандартҳои муосири меъморӣ анҷом дода шавад. Дар назди хонаҳои истиқоматӣ барои истироҳату фароғати сокинони деҳаи Анҷин майдончаи варзишӣ ва ҷойи бозии кӯдакон сохта шудааст. Дарозии майдончаи варзишӣ 30 ва паҳноиаш 20 метр буда, барои бозиҳои футболи хурд, волейбол ва баскетбол бисёр мувофиқ мебошад.

**16-уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бинои истиқоматии 5-ошёнаро, ки барои хизматчиёни давлатӣ бунёд ёфтааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо имкониятҳои маишии он шинос шуданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон калиди хонаҳои навро ба соҳибонашон супорида, онҳоро ба ин муносибат таҳният гуфтанд.

Бинои мазкур дорои хонаҳои истиқоматии 1 ва 2 - ҳуҷрагӣ буда, он дар маҷмӯъ аз 25 ҳуҷра иборат мебошад. Масоҳати умумии замини иншоот 8 садяк заминро дар бар гирифта, корҳои сохтмонӣ дар он соли 2019 оғоз ёфта буд. Бо дарназардошти баландошёна будани бино, дар он як лифти замонавӣ насб карда шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ТАНҲО БО ВАҲДАТУ ҲАМБАСТАГӢ ВА ЗАҲМАТИ СОЗАНДАЮ СОДИҚОНА БА РӮЗҲОИ АЗ ИН ҲАМ НЕК МЕРАСЕМ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони ноҳияи Ванҷ

ноҳияи Ванҷ, 16 - уми августи соли 2023

(Идома аз саҳ. 1)

Бо вуҷуди он ки дар даҳсолаи охир, яъне солҳои 2012 – 2022, заминҳои нав дар майдони 116 гектар аз худ карда шудаанд, ҳоло ҳам дар ин самт имкониятҳои истифоданашуда дар ноҳия зиёданд. Яке аз мушкилоти асосие, ки дар ин соҳа вуҷуд дорад, ҳамасола шуста шудани даҳҳо гектар замини назди соҳили дарёи Ванҷ ба ҳисоб меравад, ки қисми онро заминҳои кишти зироатҳо ва қисми дигарро майдони боғҳо ташкил медиҳад.

Дар ҳолати таъмин намудани устувории маҷрои дарёи Ванҷ имконияти ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани садҳо гектар замин ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳия бояд бо ҷалби маблағҳои шарикони рушд барои таҳия ва татбиқи лоиҳаи таъмин намудани устувории маҷрои дарёи Ванҷ ба тағйирёбии иқлим ва азхудкунию обёрӣ кардани заминҳои нав чораҷӯӣ намоянд. Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки доир ба ташкили фермаҳои чорводорию парандапарварӣ, хоҷагиҳои моҳипарварӣ ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати соҳа чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Ноҳияи Ванҷ, инчунин, дар баробари ин ки ноҳияи аграрӣ мебошад, дорои имкониятҳои бузурги саноатӣ низ буда, дар ҳудуди он конҳои боксит, тилло, волфрам, мармар, омехтаи сурбу нуқра, асбест, никел ва оҳаксанг мавҷуданд, вале корҳо дар самти инкишофу истихроҷ кардани онҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудаанд, ки аз вазорату идораҳои марбута андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд. Гарчанде ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 ба 8,4 миллион сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 1993-юм 2 баробар зиёд шудааст ва дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ низ дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта афзудааст, вале нишондиҳандаҳои мазкур ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мутобиқат намекунанд. Дар ноҳия ҳамагӣ 9 корхонаи саноатӣ, аз ҷумла 3 корхонаи коркарди санги мармар бо 150 ҷойи корӣ, ба қайд гирифта шуда, дар соли ҷорӣ ҳоло ягон корхонаи нав таъсис дода нашудааст.

Хотиррасон менамоям, ки то Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ҳудуди ноҳия, тибқи нақша, бояд на кам аз 20 корхонаю коргоҳи истеҳсолӣ бунёд карда шавад.

Роҳбарони вилоят ва ноҳия, инчунин, роҳбари гурӯҳи кории ободонию бунёдкорӣ якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар ин самт масъул ва вазифадор мебошанд. Раисони вилоят ва ноҳия якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадоранд, ки имкониятҳои ноҳияро дар самти рушди саноат ҳамаҷониба таҳлил намуда, ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои саноатӣ барои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ, чораҳои мушаххас андешанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Бо мақсади расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ дар вилоят, аз ҷумла дар ноҳияи Ванҷ, то имрӯз корҳои назаррас анҷом дода шудаанд.

Ҳоло дар ҳудуди ноҳияи Ванҷ лоиҳаи беҳтар намудани нигоҳдории роҳҳои Тоҷикистон амалӣ гардида истодааст ва корҳо дар самти азнавсозии қитъаи роҳи байналмилалии автомобилгарди Қалъаи Хумб – Ванҷ – сарҳади ноҳияи Рӯшони шоҳроҳи мошингарди Душанбе – Кулма бо сохтмони 2 нақб ба маблағи қариб як миллиард сомонӣ идома доранд. Вазорати нақлиётро зарур аст, ки иҷрои саривақтӣ ва босифати лоиҳаро зери назорати қатъӣ қарор диҳад.

Вобаста ба масъалаи бунёди роҳҳо ба Вазорати нақлиёт супориш дода мешавад, ки азнавсозии пурраи роҳи мошингардро аз маркази ноҳия то нуқтаи пайвастшавӣ ба қитъаи шоҳроҳи Душанбе – Кулма ба масофаи 18 километр амалӣ намояд.

**Ҳамватанони азиз!**

Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва тандурустӣ, дар маркази таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат қарор дошта, дар замони соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Ванҷ дар ин самт корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Дар натиҷаи ғамхориҳои Ҳукумат ва амалисозии ислоҳоти соҳаи маориф вазъи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ноҳия сол ба сол беҳтар шуда истодааст. Дар ин давра, дар ноҳияи Ванҷ 33 бинои нави муассисаҳои таълимӣ барои 9700 хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Имрӯз дар ноҳия боз се иншооти навбунёди соҳаи маориф ба фаъолият оғоз намуд, ки идомаи корҳои созандагии Ҳукумати мамлакат ба хотири рушди ин соҳа ба шумор меравад.

Ҳоло дар ноҳия барои баланд бардоштани савияи дониши кӯдакон ва хонандагон 2 муассисаи томактабӣ, 42 маркази инкишофи кӯдак ва 50 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият дорад, ки ҳанӯз ҳам кофӣ нест, зеро фарогирӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ дар ноҳия ҳамагӣ 23 фоизро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, норасоии таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, китобҳои дарсӣ, кабинетҳои фаннӣ ва дар ҳолати таъмирталаб қарор доштани бинои 6 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз мушкилоти асосии соҳаи маорифи ноҳия ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба ин, ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ супориш дода мешавад, ки якҷо бо Вазорати маориф ва илм барои бартараф намудани мушкилоти мавҷудаи соҳа чораҳои амалӣ андешанд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани рушди соҳаи тандурустӣ буҷети соҳа дар ноҳия мунтазам зиёд гардида, соли ҷорӣ ба 7,3 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба солҳои аввали даврони соҳибистиқлолӣ садҳо баробар зиёд мебошад.

Дар давоми 32 сол дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон аз ноҳияи Ванҷ 126 нафар кормандони соҳаи тиб, аз ҷумла 28 нафар тибқи квотаи президентӣ, омода карда шудаанд.

Ҳукумати кишвар минбаъд низ дар самти баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ тадбирҳои мушаххас андешида, солимӣ ва дарозумрии аҳолии кишвар, аз ҷумла сокинони ноҳияи Ванҷро қадам ба қадам беҳтар мегардонад.

Дар робита ба ин, Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳрии Тоҷикистон вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ доир ба иҷрои супориши қаблан додашуда доир ба таҳияи лоиҳаи сохтмони бинои нави Беморхонаи марказии ноҳия барои 120 кат ва дар муддати панҷ соли оянда ба истифода супоридани он чораҳои амалӣ андешад.

Ҳамзамон бо ин, бо назардошти зиёд гардидани биноҳои истиқоматӣ ва хизматрасонӣ дар маркази ноҳия, ба роҳбарону мутахассисони ноҳия супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута корро дар самти беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои обу корез ҷоннок намоянд.

**Ҳамватанони азиз!**

Мехоҳам бо қаноатмандӣ хотирнишон намоям, ки дар пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишварамон хизмати садҳо нафар фарзандони номбардори ноҳияи Ванҷ хеле назаррас буда, имрӯз кору фаъолияти ватандӯстонаи онҳо аз ҷониби афроди ватандӯсту бонангу номус дар бахшҳои гуногуни ноҳия идома дорад ва онҳо барои пешрафти Ватани маҳбубамон содиқона хизмат карда истодаанд.

Вазифаи роҳбарону фаъолони ноҳия, раисони ҷамоату маҳаллаҳо, аҳли зиё ва шахсони обрӯманду таҷрибадор аз он иборат аст, ки минбаъд низ мардум ва хусусан ҷавононро ба таҳкими сулҳу субот, риояи қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ ва корҳои созандагиву ободкорӣ ҳидоят намоянд.

Дар ин раванд, зарур аст, ки бо назардошти вазъи ноорому буҳронии ҷаҳони муосир ба масъалаҳои риояи ҳатмии сарфаю сариштакорӣ, инчунин, анҷом додани амалҳои неки инсонӣ, аз ҷумла дастгирии ятимону маъюбон, оилаҳои камбизоат ва тарбияи дурусти фарзандон, эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Торафт беҳтар гардидани шароит ва сатҳи зиндагии мардум ҳамаи моро водор месозад, ки минбаъд низ содиқонаву аҳлона ва бо масъулияти баланди ватандориву ватансозӣ заҳмат кашем. Мо бояд итминон дошта бошем, ки танҳо бо ваҳдату ҳамбастагӣ ва заҳмати созандаю содиқона ба рӯзҳои аз ин ҳам нек мерасем.

Бовар дорам, ки мардуми бонангу номуси ноҳияи Ванҷ дар оянда низ бо заҳмати созандаи хеш барои боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани маҳбубамон ва мустаҳкам гардидани пояҳои давлати миллиамон саҳми ватандӯстонаи худро мегузоранд.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар мардуми ноҳия ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори Ҷашни 32 - солагии Истиқлолияти давлатӣ самимона табрик мегӯям ва ба ҳар як хонадони ноҳия хушбахтию хушрӯзӣ, хонаи обод, рӯзгори пурфайз ва барори кор мехоҳам.

**Саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**



# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВМКБ

(Идома аз саҳ. 1, 2)

Мавриди зикр аст, ки дар доираи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи хосаи Сарвари давлат нисбат ба шахсони маъюб, ба як оилаи ниёзманд дар бинои мазкур хонаи истиқоматӣ ҳадя карда шуд. Таъкид гардид, ки минбаъд ҳам ғамхорию расонидани кумак ба табақаи эҳтиёҷманд идома ёфта, тамоми тадбирҳо андешида мешавад, то ки онҳо танқисӣ накашанд.

Дар хонаҳои бинои баландошёна барои зиндагии шоиста имконияти мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, хонаҳои истиқоматӣ бо ҷиҳози рӯзгор пурра таъмин буда, дохили ҳуҷраҳои истиқоматӣ бо санъати баланди меъморӣ оро ёфтааст.

Бинои истиқоматӣ дар маркази ноҳия ҷойгир буда, бо сифат ва санъати баланд сохта шудааст. Хонаҳои истиқоматӣ ба хизматчиёни давлатӣ ва кормандони идораю ташкилоти дар ҳудуди ноҳияи Роштқалъа фаъолиятдошта, ки ба хонаи истиқоматӣ ниёз доштанд, тақдим гардид.

Барои чунин дастгирӣ ва таваҷҷуҳи доимӣ соҳибони хуштолеъ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори миннатдорӣ намуда, иброз доштанд, ки дар партави чунин ғамхориҳо барои иҷрои рисолати бардӯшдоштаашон дар самти таъмини рушди бахшҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакат содиқона фаъолият менамоянд.

Лозим ба таъкид аст, ки барои баланд бардоштани сифати зиндагии кормандони касбу кори гуногун ва фароҳам намудани имконияти кору фаъолият ба онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша чораҳои зарурӣ андешида, дар ин доира дар саросари мамлакат ҳамасола чунин биноҳои замонавӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ бунёду ба истифода дода мешаванд.

**16-уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Роштқалъа бинои нави маъмурии шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Он аз 3 ошёна иборат буда, ҳама ҳуҷраҳои корӣ бо мизу курсӣ ва дигар таҷҳизоти муосир ҷиҳозонида шудааст, ки барои фаъолияти пурсамари кормандони шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, бахши Хадамоти муҳоҷират ва Филиали Муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон» дар ноҳияи Роштқалъа мусоидат мекунад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот соли 2016 шурӯъ гардида, бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби беш аз 60 нафар сокини маҳаллӣ ҷавобгӯ ба талаботи замон ба анҷом расид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз имконоти фароҳамшуда ва сифати корҳои сохтмонӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, кормандони соҳаро ба хизмати содиқонаю софдилона ба нафъи давлату миллат ҳидоят карданд.

Бинои нави шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Роштқалъа аз 10 ҳуҷраи барҳавои корӣ ва 4 синфхонаи омӯзишӣ, маҷлисгоҳ бо 20 ҷойи нишаст иборат буда, дорои беҳтарин шароити кориию таълимӣ аст.

Минбаъд сокинони ноҳияи Роштқалъа дар синфхонаҳои дорои шароити хуби ҳунаромӯзӣ аз рӯи ихтисосҳои қаннод, дӯзанда, технологияи компютерӣ, таъмиргари таҷҳизоти сантехникӣ ва асбобҳои барқӣ ба касбомӯзӣ фаро гирифта мешаванд.

Инчунин, дар шафати бинои мазкур иншооти иловагии дигар сохта шудааст, ки он барои омӯзиши нозукиҳои касби таъмири воситаҳои нақлиёт пешбинӣ гардидааст. Бино ва саҳни он зебою назаррабо буда, дар атрофаш роҳравҳо сохта шудааст. Иншооти навбунёд метавонад солҳои зиёд ба мардуми ин гӯшаи зебои Тоҷикистон хизмат намояд.

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки акнун дар шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҳамасола то ҳазор нафар шахсони бешуғл ба касбомӯзӣ ҷалб мешаванд.

**16-уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар ноҳияи Роштқалъа бинои нави маъмурии Кумитаи идораи замин ва Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Аснои шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки тибқи лоиҳа, бинои нави маъмурӣ дар масоҳати 156 метри мураббаъ бунёд гардида, иборат аз ду ошёна ва 11 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ ва китобхона мебошад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур моҳи майи соли 2021 оғоз гардида, бо маблағгузории Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шудааст.

Дар Кумитаи идораи замини ноҳия ва Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Роштқалъа 14 нафар фаъолият мекунанд. Кормандон аз беҳтар шудани шароити корӣ ва таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карданд.

Дар 5 соли охир аз ҷониби Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ барои фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ба кормандон бинои маъмурии зерсохтори кумита дар ноҳияҳои Ишкошим ва Рӯшон пурра таъмиру навсозӣ гардид.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат шароити кории кормандони Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ дар ноҳияҳои Ванҷ ва Шуғнон низ беҳтару хубтар гардидааст.

То Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Дарвоз низ бинои нави маъмурии ин кумита сохта, ба истифода дода хоҳад шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити фароҳамгардида дар бино шинос шуда, аз бунёди иншооти маъмурӣ ва беҳтар гардидани фаъолияти кормандон изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Сарвари давлат кормандони Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Роштқалъаро ба фаъолияти хубу босамар ҳидоят карданд.

**16-уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Роштқалъа бо роҳбарону фаъолони ноҳия мулоқот карданд.**

Баъди суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанд тан аз сокинони ноҳия, аз ҷумла собиқадори меҳнат Олимбек Азизмамадов ва хонанда Зулфияи Сайёд баромад карда, аз пешравиҳои амиқи кишвар дар бахшҳои пешбарандаи ҷомеа ва дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

***(Гузоришҳо аз идомаи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ВМКБ дар шумораи оянда ба нашр мерасанд).***

**www.president.tj**





# МОЮ ШУМО ВАЗИФАДОРЕМ, КИ ФАРЗАНДОНАМОНРО ДАР РӮҲИЯИ ВАТАНДӮСТӢ, ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ВА ХУДШИНОСИЮ ХУДОГОҲӢ ТАРБИЯ КУНЕМ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Роштқалъа

**ноҳияи Роштқалъа, 16-уми августи соли 2023**

**Ҳамватанони азиз!**

Имрӯзҳо тамоми мардуми Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани Ҷашни 32 - солагии Истиқлолияти давлатӣ омодагӣ дида истодаанд.

Хурду бузурги мардуми ватандӯсти ноҳияи Роштқалъа ва ҳамаи шумо – ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори ин санаи сарнавиштсоз самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо саодату хушбахтӣ ва дар ҷодаи амалисозии нияту нақшаҳои некатон барору комёбӣ орзу менамоям.

Истиқлолу озодии давлатӣ барои ҳар яки мо неъмати бузургтарин, сарвати бебаҳотарин ва дастоварди азизтарини зиндагӣ мебошад. Маҳз ба шарофати истиқлолу соҳибихтиёрӣ мо имконият пайдо кардем, ки захираҳои дарихтиёрдоштаамонро ба хотири ободу пешрафта гардонидани тамоми гӯшаю канори мамлакат то дурдасттарин деҳоти он равона созем. Мисоли равшан ва намунаи возеҳи ин гуфтаҳо ҳамин ноҳияи Роштқалъа аст, ки маҳз аз баракати истиқлол ба чунин ободиҳо ноил гардидааст.

Имрӯз бо итминони комил гуфта метавонем, ки ҳар як сокини бонангу номуси ин диёр дар ҷодаи ободонию бунёдкорӣ саҳми арзандаи худро гузошта, ба хотири пешрафти Ватани маҳбубамон, таҳкими иқтидори давлати миллиамон ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии ҳар як сокини кишварамон саъю талош менамояд.

Дарвоқеъ, ҳоло тамоми Ватани маҳбубамон ба саҳнаи бузурги созандагӣ табдил ёфта, мардуми бонангу номуси кишвар, соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсони саховатпеша ба хотири ободу зебо гардонидани зодгоҳи худ ва дар маҷмӯъ, Ватани аҷдодиамон – Тоҷикистон саъю талош карда истодаанд, ки ноҳияи Роштқалъа низ аз ин раванд истисно нест.

Натиҷаи чунин азму талошҳои ободгарона аст, ки тибқи нақшаи чорабиниҳои омодагӣ ба таҷлили Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ҳудуди ноҳия бунёду азнавсозии 205 иншооти иқтисодию иҷтимоӣ ба маблағи умумии қариб як миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 50 иншоот ба истифода супорида шудааст.

Дар доираи нақшаи чорабиниҳои Ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳия 175 иншооти таъиноти гуногун бунёд гардида буд. Ҳамаи ин иқдомот боиси боз ҳам ободу зебо гардидани ноҳия, ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ ва болоравии сатҳу сифати зиндагии мардум гардидаанд.

Рӯзҳои 24 – 27-уми июни соли ҷорӣ бар асари фаромадани сел чандин хонаи истиқоматии сокинони деҳаи Миденведи ноҳия, роҳу пулҳо, иншооти иҷтимоӣ ва заминҳои кишоварзӣ зарари ҷиддӣ диданд. Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат барои 10 хонаводаи деҳаи зикршуда дар як муддати кӯтоҳ хонаҳои истиқоматии нав бунёд гардида, илова бар ин, майдончаи варзиш ва роҳҳои чароғоншудаи маҳаллӣ сохта шуд, ки мо имрӯз дар маросими ба истифода супоридани онҳо иштирок кардем.

Мо имрӯз, ҳамчунин, якчанд иншооти муҳими дигар, аз ҷумла зеристгоҳи барқии Нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» ва хатҳои интиқоли барқи 110-киловолтаи «Хоруғ - Себзор», «Ванҷ - Рӯшон - Хоруғ» ва нерӯгоҳи офтобӣ дар ноҳияи Мурғобро ба тариқи маҷозӣ ифтитоҳ намуда, аз ҷараёни корҳои сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» боздид кардем.

Ба сохтмончиёни нерӯгоҳ доир ба суръатбахшии бунёди ин иншооти муҳим, сифати баланди корҳо ва дар муҳлати таъиншуда ба истифода супоридани он дастурҳои мушаххас додем. Дар робита ба ин, хотиррасон менамоям, ки Нерӯгоҳи барқи обии «Себзор»ояндаи боз ҳам пешрафтаи ноҳияи Роштқалъа ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ бо мақсади таъмин намудани рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Роштқалъа аз ҳисоби буҷети давлатӣ 436 миллион сомонӣ равона гардидааст. Аз ҷумла, аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии буҷети маҳаллӣ ва маблағгузории соҳаҳои гуногуни ноҳия 392 миллион сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Илова бар ин, дар ин давра дар ҳудуди ноҳия 10 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 18 миллион сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло иҷрои корҳо дар доираи се лоиҳаи дигар ба маблағи беш аз 730 миллион сомонӣ идома дорад.

Дар доираи лоиҳаҳои зикршуда сохтмону муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, тадбирҳо барои дастрас гардонидану баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, таҷдиду беҳтар намудани вазъи роҳҳо, бо неруи барқ таъмин кардани деҳаҳо, дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ амалӣ гардидаанд.

Ҳамчунин, тибқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Роштқалъа барои солҳои 2021 – 2025» татбиқи 92 лоиҳа ба маблағи беш аз 222 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз ин ҳисоб то ба имрӯз 13 лоиҳа ба маблағи 80 миллион сомонӣ ба анҷом расидааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони ватанию хориҷӣ барои иҷрои босифати корҳо дар иншооти сохташаванда, истифодаи самараноки онҳо, тақвият бахшидани корҳои ободонию бунёдкорӣ ва рушди инфрасохтори ноҳия тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Дар зарфи 32 соли соҳибистиқлолӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади дастгирии молиявии ташаббусҳои соҳибкорон ва аҳолии ноҳия ба маблағи беш аз 132 миллион сомонӣ қарз дода шудааст.

Танҳо дар сеюним соли охир, яъне солҳои 2020 – 2022 ва нимсолаи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми қарзи додашуда ба ноҳия 42 миллион сомониро ташкил додааст, ки ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳия мусоидат карда истодааст, вале ин нишондиҳандаҳо, бо назардошти захираю имкониятҳои ноҳия, ҳоло ҳам кофӣ нестанд. Аз ин лиҳоз, Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки барои фароҳам овардани шароит барои дастрасии аҳолии ноҳия ба хизматрасонии молиявӣ, аз ҷумла ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, тадбирҳои иловагӣ андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳоло дар ноҳияи Роштқалъа ҳамагӣ 4 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар онҳо ба маблағи қариб 2 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 26 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти саноатии ноҳия тайи ду даҳсолаи охир ҳамагӣ 35 фоиз, яъне аз 2,6 миллион сомонии соли 2000-ум то 3,5 миллион сомонӣ дар соли 2022 афзоиш ёфтааст.

Вобаста ба ин масъала низ таъкид менамоям, ки нишондиҳандаи зикршуда, бо назардошти имкониятҳои ноҳия қонеъкунанда нест. Яъне, вазъи рушди соҳаи саноат дар ноҳия ба талаботи яке аз ҳадафҳои стратегии давлатӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ҷавобгӯ нест ва аз роҳбарону масъулин андешидани чораҳои мушаххасро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар ҳудуди ноҳия конҳои гуногуни канданиҳои фоиданок, аз ҷумла сангҳои қиматбаҳою ороишӣ – лоҷвард, рубин, гранат, кварс, аквамарин, турмалин, мармар ва монанди инҳо мавҷуданд, ки истихроҷ ва коркарди онҳо ба зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолу содироти маҳсулоти саноатӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав мусоидат менамояд. Бинобар ин, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бояд якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ доир ба таъсис додани корхонаю коргоҳҳои нави саноатӣ бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ чораҷӯӣ намоянд.

Таъкид менамоям, ки барои рушди минбаъдаи соҳаи саноати ноҳия, инчунин, бояд ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва дар ин замина васеъ ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории, дӯзандагӣ, дорусозӣ, масолеҳи сохтмон ва рушди ҳунармандӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад.

Бояд гуфт, ки соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияи Роштқалъа омили асосии ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар ноҳия ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ бомаром афзоиш ёфта, дар соли 2022 ба 94 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 10 баробар зиёд мебошад.

Дар ин давра истеҳсоли ғалладонагиҳо 1,6 баробар, картошка - 3,2, сабзавот - 2,7, мева - 66 ва гӯшт 1,6 баробар зиёд гардидааст.

Чунонки дар суханрониҳои худ ҳамеша хотирнишон менамоям, роҳи асосии афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣи кишвар истифодаи самараноку оқилонаи обу замин ва дигар иқтидору имкониятҳои мавҷудаи соҳа мебошад.

Ҳамаи шумо хуб медонед, ки дар шароити бисёр мураккаби имрӯза масъалаи бо маҳсулоти хӯроквории таъмин кардани аҳолӣ аҳамияти авваlindaraҷa ва ҳаётӣ пайдо кардааст. Аз ин рӯ, роҳбарону масъулинро зарур аст, ки барои истифодаи самараноки ҳар як ваҷаб замин, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигӣ ва президентӣ, беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосил, ҳамчунин, бунёди сардхонаю гармхонаҳои муосир, тадбирҳои судманд андешанд.

Дар ноҳияи Роштқалъа барои истеҳсоли картошка, гандуму ҷав, лӯбиёгиҳо, аз ҷумла боқило, инчунин, пиёз. карам, сабзӣ ва дигар намудҳои сабзавот, аз меваҷот себ, зардолу, чормағз ва маҳсулоти соҳаи чорводорӣ имконияти зиёд мавҷуданд.

Барои васеъ намудани майдони кишт ва дар ин замина зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот дар даҳ соли охир бо дастгирии Ҳукумати мамлакат дар ноҳияи Роштқалъа майдони 33 гектар замини нав аз худ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид гардидаанд. Инчунин, дар ин давра дар ноҳия майдони заминҳои партов аз 53 гектари соли 2013 то 5 гектар дар соли 2023-юм кам карда шудааст.

Ҳамзамон бо ин, дар доираи «Барномаи беҳтар намудани ҳолат ва самаранок истифода бурдани чарогоҳҳо» дар ин давра дар мавзеи Ҷавшангози ноҳия канал барои обёрӣ намудани 35 гектар замини чарогоҳ сохта, мавриди истифода қарор гирифтааст.

Илова бар ин, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар доираи «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқароросозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда» ба нақша гирифта шудааст, ки дар панҷ соли минбаъда дар ноҳияи Роштқалъа майдони 50 гектар заминҳои нав аз худ карда шаванд. Аз ҷумла дар мавзеи Вранг - Роҳруштдашт дар майдони 20 гектар ба маблағи 800 ҳазор сомонӣ ва дар мавзеи Майно – Элок дар майдони 30 гектар ба маблағи 1 миллион сомонӣ заминҳо аз худ карда мешаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Боиси қаноатмандист, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ вазъи соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ, аз ҷумла маорифу тандурустӣ ва фарҳангу варзиш, куллан беҳтар гардида, бомаром рушд карда истодаанд.

Ҳукумати мамлакат барои ба сатҳи муосиру пешрафта расонидани низоми маорифу тандурустӣ ҳамаи тадбирҳои зарурииро амалӣ карда истодааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар ноҳия 12 бинои нави муассисаҳои таълимӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Илова бар ин, ҳоло сохтмони як муассисаи замонавии таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 640 нафар хонанда бомаром идома дорад.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии аҳолии минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ва бо мутахассисони маҳаллӣ таъмин намудани соҳаҳои гуногуни онҳо барои ҳар чӣ бештар ба таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаро гирифтани ҷавонон аз минтақаи зикршуда пайваста чораҷӯӣ карда истодааст. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ 546 нафар хатмкардагони мактабҳои Роштқалъа, тибқи Квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар қабул гардидаанд.

Ҳоло аз ноҳия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, тибқи Квотаи президентӣ, 108 нафар таҳсил карда истодаанд ва соли ҷорӣ боз 25 нафар фарзандони мардуми ноҳияи Роштқалъа, тибқи квота ба ин муассисаҳо қабул карда шудаанд.

Бо вуҷуди пешравиҳо дар соҳаи маорифи ноҳия то ҳол масъалаҳое вуҷуд доранд, ки барои ҳаллу фасли онҳо аз роҳбарони сохтору мақомоти дахлдор масъулияти бештар талаб карда мешавад. Хусусан, барои аз ҳолати садамавӣ баровардани 13 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо таҷҳизоти компютерӣ таъмин намудани онҳо ва бо асбобу лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз гардонидани озмоишгоҳҳо бояд чораҳои саривақтӣ андешида шаванд.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир бо мақсади беҳдошти саломатии аҳолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат зиёда аз 20 барномаи давлатӣ қабул гардида, барои амалисозии онҳо маблағгузории соҳа мунтазам афзоиш ёфта истодааст.

Дар ин раванд, буҷети соҳаи тандурустии ноҳияи Роштқалъа низ сол ба сол зиёд гардида, соли ҷорӣ ба 5,2 миллион сомонӣ расидааст. Танҳо тайи солҳои охир муассисаҳои тиббии ноҳия бо 55 номгӯи таҷҳизоту асбобҳои тиббӣ ва 41 номгӯи маводи доруворӣ ба маблағи умумии 6,3 миллион сомонӣ таъмин карда шудаанд.

Имрӯзҳо дар ноҳия аз ҷониби Ҳукумати мамлакат сохтмони бинои беморхонаи марказӣ барои 120 кат бомаром идома дорад, ки дарояндаи наздик дастрасии сокинонро ба хизматрасониҳои тиббӣ боз ҳам беҳтар мегардонад. Илова бар ин, то имрӯз 35 нафар донишҷӯ аз ноҳияи Роштқалъа тибқи Квотаи президентӣ муассисаҳои таҳсилоти олии тиббиро хатм намуда, дар муассисаҳои тандурустии вилоят ва ноҳия фаъолият карда истодаанд. Ҳоло боз 38 нафар ҷавони ноҳия, тибқи Квотаи президентӣ, дар ин муассисаҳо машғули омӯзиши илми тиб мебошанд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки якҷо бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия корро дар самти боз ҳам беҳтар гардонидани шароити муассисаҳои тиббӣ, бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани онҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ вусъат бахшанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷалби мардум ба корҳои созандагиву ободкорӣ, ба ҳифзи дастовардҳои истиқлолу озодии кишвар, таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот сафарбар намудани онҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳар яки мою шумо вазифадорем, ки бо назардошти вазъи пуртазоду нооромии минтақа ва ҷаҳони имрӯза барои ҳимояи манфиатҳои давлату миллатамон омода бошем, фарзандонамонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳӣ тарбия кунем.

Бовар дорам, ки мардуми сарбаланди ноҳияи Роштқалъа дар оянда низ бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва пуштибонӣ аз сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати худ барои рушду тараққиёти боз ҳам бештари кишвари соҳибистиқлоламон ва ободии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон саҳми арзишманд мегузоранд.

Барои амалӣ гардидани ҳадафу ормонҳои нек ва нақшаҳои созандаву ободгарона ба сокинони ватандӯсту заҳматқарини ноҳияи Роштқалъа ва ба ҳар яки шумо – ҳозирини арҷманд барору муваффақият орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату хонаобод бошед, ҳамватанони азиз!**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

## ОБУНА - 2024

## ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

**НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 196 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.**

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе.
Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

**Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.**


## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 5-уми сентябри соли 2023 музоядаҳои №18 ва №19-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

**МУЗОЯДАИ № 18**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли бароориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Хонда CRV | 215 XE 01 | 1996 | КВД «Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт» | 9200 |
| 2 | Жангяганг – Яньнянь | 907 XA 01 | 2012 | КВД «Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт» | 9350 |
| 3 | ГАЗЕЛ | 156 | 1996 | КВД «Осоишгоҳи Шифо» | 7000 |
| 4 | Киа – Соренто | 49-30 A 01 | 2003 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Сангвор | 7209 |
| 5 | ГАЗ – 31029 | 845 ZC 01 | 1997 | Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7700 |
| 6 | Нива Шевролет | 852 ZC 01 | 2006 | Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ | 10000 |
| 7 | Сузукӣ | 434 XE 01 | 2003 | Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ | 15000 |
| 8 | ВАЗ – Нива | 10-07 A 04 | 1999 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5880 |
| 9 | Тойота – Камри | 615 ZC 01 | 1999 | Филиали КВД «Тоҷиксуғурта» дар шаҳри Рогун | 8550 |
| 10 | Тойота Ленд Крузер | 873 ZA 01 | 1997 | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 50000 |
| 11 | Нива – Шевролет | 979 XC 07 | 2009 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и шаҳри Турсунзода | 11760 |
| 12 | ГАЗ – 2752 «Собол» | 081 ZC 01 | 2004 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8000 |
| 13 | Тайёта-Сурф | 19-53 B 02 | 1995 | КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд | 5376 |
| 14 | ЗИЛ – 130 | 89-80 | 1975 | КДФ «Хоҷагии манзили коммуналӣ»-и шаҳри Исфара | 11250 |
| 15 | ЗИЛ-130 | 35-60 A 02 | 1982 | Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 24368 |
| 16 | ЗИЛ-130 | 57-11 A 02 | 1992 | Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 26419 |
| 17 | Девори симтӯрӣ (130 адад 2,5х1,7) | б/р | 1990 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 20000 |
| 18 | Дарвозаи оҳанин | б/р | 1990 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 5600 |
| 19 | Панҷараи оҳанин (4 адад) | б/р | 1990 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 6400 |
| 20 | ЗИЛ-130 | 52-08 B 02 PT | 1970 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 16000 |
| 21 | Опел Астра | 15-14 B 02 PT | 1995 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 12000 |
| 22 | Мотороллер ТГ-200 | 02-12 ЛБЕ | 1974 | Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон | 1 600 |

**МУЗОЯДАИ № 19**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли бароориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ВАЗ-2106 «Жигули» | 03-22 A 01 | 2000 | Муассисаи давлатии Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3000 |
| 2 | ЗИЛ-130 «Бортовой» | 034 ZC 01 | 1991 | Муассисаи давлатии Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25000 |
| 3 | ЗИЛ-130 «Поливальшик» | 15-64 ДБЛ | 1990 | Муассисаи давлатии Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 25000 |
| 4 | Volkswagen | 874 ZB 01 | 2001 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 20000 |
| 5 | ВАЗ-2107 | 232 XC 03 | 2007 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 5000 |
| 6 | Нексия | 67-95 AP 01 | 1997 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 6000 |
| 7 | ВАЗ-21214 | 24-62 B 01 | 2005 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 15000 |
| 8 | ВАЗ-21099 | 261 ZC 01 | 2000 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 8000 |
| 9 | ГАЗ-3102 | 10-33 A 04 PT | 2002 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 5700 |
| 10 | ВАЗ-2106 | 06-81 A 03 | 1997 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | 3000 |
| 11 | УАЗ-39094 «Фермер» | 843 ZB | 2005 | Корхонаи воҳиди давлатии «Аэрогеодезӣ» | 16000 |
| 12 | УАЗ-39099 «Таблетка» | 841 ZB | 2006 | Корхонаи воҳиди давлатии «Аэрогеодезӣ» | 16000 |
| 13 | Автобус «КАВЗ» | 21-99 | 1986 | Корхонаи воҳиди давлатии «Аэрогеодезӣ» | 10000 |
| 14 | ГАЗ-66 | 98-21 | 1984 | Корхонаи воҳиди давлатии «Аэрогеодезӣ» | 25000 |
| 15 | Хундай-Сантафе | 262 ZK 02 | 2007 | Раёсати Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | 80000 |
| 16 | ВАЗ-2107 | 63-07 A 03 | 2004 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар ноҳияи Восеъ | 5200 |
| 17 | ВАЗ-21214 «Нива» | 42-77 E 01 | 2008 | Корхонаи воҳиди давлатии занбӯриасалпарварии «Асали Тоҷикистон» | 15000 |
| 18 | Daewoo Lasetti | 559 2M 01 | 2004 | Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10000 |
| 19 | ВАЗ-2115 | 893 XM 01 | 2006 | Редаксияи маҷаллаи «Нигоҳдории тандурустии Тоҷикистон» | 6000 |
| 20 | Тойота RAV-4 | 843 XB 01 | 2011 | Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 80000 |
| 21 | ВАЗ-2107 | 043 2T01 | 2008 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон» | 3000 |
| 22 | Митсубиси Паджеро | 19-02 A 01 | 1998 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷароҳии кӯдакона» | 25000 |
| 23 | Леганза | 11-51 E | 1997 | КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и ноҳияи Шаҳринав | 10000 |
| 24 | Нексия | 54-77 A 01 | 2009 | Нозироти андози ноҳияи Панҷ | 10000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** ва **шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 47/1** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 47/1 тел: 83422 4-21-83, мобилӣ – 92-758-00-96**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона супорида мешавад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона сурат мегирад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ҶДММ ТАҚХ «ЗУДАМАЛ» БАРОИ СОЛИ 2022

**ҲИСОБОТ ОИД БА ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ**

Ба санаи 31-уми декабри соли 2022

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2021 | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 4.1. | 6 912 228 | 9 325 165 |
| Сандуқи қарзии соф | 4.2. | 14 093 833 | 16 978 543 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.3. | 1 668 289 | 2 742 441 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.3. | 127 327 | 134 360 |
| Фоизҳо барои гирифтан | 4.4 | 619 990 | 152 543 |
| Гарави гирифташуда барои фурӯш | 4.5 | 579 742 | 753 449 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.6. | 217 152 | 231 003 |
| Сармоягузорӣ | 4.7 | 50 000 | 50 000 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **24 268 561** | **30 367 505** |
| **УҲДАДОРИҲО** | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 4.8 | 924 575 | 1 367 350 |
| Қарз аз ташкилоти ғ.бонкӣ | 4.9 | - | 5 400 000 |
| Амонатҳои мизоҷон | 4.10 | 16 730 105 | 16 941 817 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **17 654 680** | **23 709 167** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи партохташуда | 4.11 | 6 000 000 | 6 000 000 |
| Захираи умумӣ | 4.12 | 320 045 | 348 031 |
| Дигар захираҳои ташкилот | 4.13 | 252 966 | 252 966 |
| Фоидаи тақсимнашаванда | 4.14 | 40 871 | 57 340 |
| **Ҷамъи сармоя** | | **6 613 882** | **6 658 337** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо** | | **24 268 561** | **30 367 505** |

Директор Файзуллоев М.Х
Сармуҳосиб Нуров С.С.

**ҲИСОБОТ ОИД БА МАҶМӮИ ДАРОМАД**

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2022 ба анҷом мерасад

| | Эзоҳ | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5.1 | 2 412 201 | 2 693 104 |
| Хароҷоти фоизӣ | 5.1 | (410 683) | (371 626) |
| **Даромади софи фоизӣ то ташаккул (барқарорӣ) ФПТИ** | | **2 001 518** | **2 321 478** |
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳо | 5.1 | 607 650 | 757 030 |
| Хароҷот аз ташаккули ФПТИ | 5.1 | (725 446) | (527 354) |
| **Даромади софи фоизӣ баъд аз ташаккул (барқарорӣ) ФПТИ** | | **1 883 722** | **2 551 154** |
| Фоида/зарар аз амалиетҳои асъорӣ | 5.1 | 1 043 909 | 3 061 402 |
| Даромад (хароҷот) ғайрифоизӣ | 5.1 | 2 837 159 | 783 550 |
| Хароҷоти амалиётӣ | 5.1 | (5 392 454) | (5 506 436) |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз фаъолияти амалиётӣ** | | **(1 511 386)** | **(1 661 484)** |
| **Даромад (хароҷоти) ғайриамалиётӣ** | **5.1** | **248 667** | **(275 423)** |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **1 001 181** | **837 320** |
| Андоз аз фоида | 5.2 | (470 938) | (231 478) |
| **Фоидаи софи давра** | | **530 243** | **605 842** |
| ***Дигар даромади умумӣ:*** | | | |
| **Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол** | | - | - |
| **Ҳамагӣ дигар даромади умумӣ** | | - | - |
| **Ҳамагӣ даромади умумӣ** | | **530 243** | **605 842** |

Директор Файзуллоев М.Х
Сармуҳосиб Нуров С.С.

**ҲИСОБОТ ОИД БА ҲАРАКАТИ ВОСИТАХОИ ПУЛӢ**

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2022 ба анҷом мерасад

| | 2021 | 2022 |
|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | |
| Фоидаи (зарари) соф | 530 242 | 605 842 |
| **Ислоҳи фоидаи (зарари) соф:** | | |
| Истеҳлок | 124 006 | 143 888 |
| Хароҷоти ФПТИ аз рӯи қарзҳо ва дигар дороиҳо | 1 030 064 | 65 376 |
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳо | (939 944) | (80 302) |
| Хароҷоти ҳисобкунии захира барои рухсатиҳои истифоданашуда | 89 276 | - |
| Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда | 8 726 | - |
| Хароҷоти хориҷкунии воситаҳои асосӣ | 9 675 | 216 908 |
| Фоида (зарар) аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | (29 044) | 278 763 |
| **Ҳаракати нақдина то тағйирёбии дороиҳои амалиётӣ ва уҳдадориҳо** | **822 999** | **1 230 475** |
| Тағйирёбии дороиҳои гардон ва уҳдадорӣ: | | |
| Тағйирёбии сандуқи қарзҳои додашуда | (3 049 715) | (2 986 729) |
| Тағйирёбии пешпардохти андози фоида | (149 716) | (243 188) |
| Тағйирёбии дигар дороиҳои ҷорӣ | (555 355) | (182 383) |
| Тағйирёбии фоизҳо барои гирифтан | 45 979 | (7 033) |
| Тағйирёбии ҳисобҳо барои пардохт | 126 127 | 422 007 |
| Тағйирёбии амонати миҷозон | 3 598 994 | 211 712 |
| Тағйирёбии ҳисобҳо барои пардохт ба бонкҳои дигар | - | (377) |
| Тағйирёбии захираҳои ҳатмӣ | (531 983) | 140 899 |
| Тағйирёбии фоиз барои пардохт | 28 568 | 96 925 |
| Тағйирёбии дигар уҳдадориҳо | 334 564 | (76 157) |
| **Ҳаракати соф аз тағйирёбии дороиҳои амалиётӣ ва уҳдадориҳо** | **(152 539)** | **(2 624 323)** |
| **Вазъи ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **670 460** | **(1 393 848)** |
| **ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (198 627) | (287 364) |
| Хариди дороиҳои ғ.моддӣ | (15 220) | (42 750) |
| Дигар даромадҳо ва хароҷотҳои ғайрипулӣ | - | - |
| **Вазъи ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(213 847)** | **(330 114)** |
| **ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ** | | |
| Пардохти суди сахмия | (432 219) | (650 463) |
| Дохилшавии қарзҳо | - | 6 000 000 |
| Пардохти қарзҳо | - | (600 000) |
| **Вазъи ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **(432 219)** | **4 749 537** |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | **24 394** | **3 025 575** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **5 891 435** | **5 915 829** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охири сол** | **5 915 829** | **8 941 404** |

Директор Файзуллоев М.Х
Сармуҳосиб Нуров С.С.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Тургенев, бинои 71/2, хонаи 15 ба Мирзоев Маъруф Анварович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0315465 таҳти қайди 25121-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ 8-уми декабри соли 2011 ба сокини Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Чимтеппа ба Зубайдуллоев Баҳодур додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи аълои гумшудаи силсилаи ДК А №0008332, ки онро Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор соли 2020, таҳти рақами бақайдгирии 1031 ба Раҳматуллоева Нилюфар Фирузовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи №0435990-и гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 27-уми феврали соли 2020 ба Саъдиев Муҳаммадризо Ҳакимович (РЯМ 6030151316) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТА № 0867957-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2019 ба Собирзода Мирзоабдулло Мурод додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №024311-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №123 –и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе (собиқ МТМУ 46-и ноҳияи Рӯдакӣ) соли 1990 ба Ғаниева Раҳимахон Усмоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А№014032-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 123-и ноҳияи Фирдавсии шаҳи Душанбе (собиқ МТМУ №46-и ноҳияи Рӯдакӣ) соли 1987 ба Каримов Маҳмаюсуф Якубович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТА №1064095-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №122-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе (собиқ МТМУ №57-и ноҳияи Рӯдакӣ) соли 2020 ба Идимоҳи Суҳроб додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Зардушт, хонаи 20 ба Вишняков Рафаиль Рифкатович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи №502-и гумшуда, ки онро Институти баъдидипломии омодасозии кадрҳои тиббӣ 30-юми июни соли 1994 ба Қаршиев Панҷӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таҳти феҳрасти 1Ш-553 санаи 5-уми майи соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 75, хонаи 76 ба Давлатова Мадина Шарифбековна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни таҳти феҳрасти 7М - 41-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 6-уми феврали соли 2013 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, бинои 22, хонаи 79 ба Улҷаева Дилором ва Улҷаев Раҳмон додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшуда оид ба сохтани манзили истиқоматӣ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Авесто, бинои 27, ошёнаи 6-ум, ҳуҷраи №210, ки 17-уми феврали соли 2021 байни фурӯшанда – ЧСП «Муқим-1» ва харидор – шаҳрванд Қуватов Абдумалик Нуралиевич баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чорякҷорон, деҳаи Испечак, бинои 14, хонаи 162 ба Шарипов Фирдавс Бозорович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи №0072327-и гумшуда, ки онро Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе соли 2015 ба Умаров Амрулло Абдуевич додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0707738-и гумшуда, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 18961 санаи 5-уми феврали соли 2009 ба сокини деҳаи Дмитрови ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Қӯштеппа ба Эшонқулова Мукарам додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ховарон, маҳаллаи 192-193, бинои 613, хонаи №2 ба Домуллоджанова Зарина Хайруллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ховарон, маҳаллаи 192-193, бинои 613, хонаи №2 ба Домуллоджанова Зарина Хайруллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АБ №094367-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №93-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2000 ба Насруллоева Меҳринисо Абдулошоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, бинои 91, хонаи 2 ба Назаров Фирдавс Ҳамидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, бинои 91, хонаи 2 ба Назаров Фирдавс Ҳамидович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Кооперативи тиҷоратии «Холмуминбобо» (РМА 320005353, РЯМ 3210002538), ки 28-уми феврали соли 2011 дар Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Муҳриддини Камаров» (РМА 320008653, РЯМ 3210005462), ки 30-юми декабри соли 2022 дар Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Хоҷагии деҳқонии «Дилшод – 2018» (РМА 325296646, РЯМ 32300055318), ки 11-уми декабри соли 2018 дар Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Шабака» (РЯМ 0210027153, РМА 020051978), воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.


Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

**Садои мардум**

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло**

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:** *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 18 августи соли 2023, соати 08:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха*

**Навбатдори шумора Б. Каримов**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**